Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

9 январи соли 2002. Чоршанбе № 2 (12745)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 6 январ дар қароргоҳи Оқсарой гурӯҳи сенаторонро таҳти сарпарастии раиси Кумитаи Сенати ИМА оид ба корҳои давлатӣ Ҷозеф Либерман пазируфт.

— Дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳам иҷтимоиву иқтисодии ИМА Сенат нақши муҳим мебозад, — гуфт Президент дар рафти мулоқот. — Фаъолнокии он дар кор дар бобати нигоҳ доштани мӯътадилӣ дар мамлакат баъди воқеаҳои 11 сентябр ва муборизаи байналхалқӣ ба муқобили терроризм пурзӯр гардид.

Вақтҳои охир диққату эътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати минтақаи Осиёи Марказӣ пурзӯр гардид. Ва он, албатта, бесабаб нест. Таҳкими сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ дар вазъияте, ки дар минтақа баъди воқеаҳои Афғонистон рух додааст, пешгирӣ кардани амалиётҳои террористӣ, пурзӯр кардани ҳамкорӣ дар ин самт вазифаи муҳимтарин ҳам барои ИМА, ки бо терроризми байналхалқӣ фаъолона мубориза мебарад ва ҳам давлатҳои минтақа, аз он ҷумла Ӯзбекистон гардидааст. Ба касе сир нест, ки Ӯзбекистон дар бобати ба маҳали таъинот расонда додани борҳое, ки аз хориҷ ба сифати кӯмаки инсонпарварона барои халқи афғон фиристода мешавад, фаъолона иштирок дораду онро аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ воло арзёбӣ мекунад.

Ҳангоми сӯҳбат сенаторони амрикоӣ ба саъю кӯшиши Ӯзбекистон баҳои баланд доданд, ки ба нигоҳ доштани мӯътадилӣ дар Осиёи Марказӣ, мубориза ба муқобили терроризм нигаронда шудааст. Онҳо зарурати таҳкими минбаъдаи ҳамкориро дар ин самт зикр намуданд.

Ҳангоми сӯҳбат дар қароргоҳи Оқсарой ҳамчунин масъалаҳои алоқаманди вусъати минбаъдаи шарикӣ дар бобати нигоҳ доштани амнияти минтақавӣ, мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ, пешомадҳои равобити дуҷониба, аз он ҷумла равобити байнипарлумонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Худи ҳамон рӯз меҳмонони амрикоӣ дар Олий Маҷлиси Ӯзбекистон бо раиси парлумон Э.Халилов, дар Вазорати дифоъ бо сарвари идораи мазкур К.Ғуломов гуфтушунидҳо гузаронданд.

**(ӮзА).**

## Навигариҳои вилояти Намангон

### «Мақоми Косонсой дар таърихи Фарғона»

**Косонсой.** Таҳти ҳамин мавзӯъ ба наздикӣ дар маҷлисгоҳи корхонаи муштараки ӯзбекистониву туркиягии Косонсой - Текмен анҷумани ҷумҳурӣ зери сарпарастии Хазинаи байналхалқии «Олтин мерос», ваколатхонаи ташкилоти ЮНЕСКО дар Ӯзбекистон, ҳокимиятҳои вилояти Намангон ва ноҳияи Косонсой баргузор гардид.

Анҷуманро бо сухани муқаддимавӣ ҷонишини ҳокими вилоят Баҳодур Ирисов кушода, оиди таърихи бостонии Косони қадим ва аҳамияти гузаронидани анҷуман сухан ронд. Сипас, раиси Хазинаи байналхалқии «Олтин мерос», нависандаи халқии Ӯзбекистон Муҳаммад Алӣ, директори институти бостоншиносии Академияи Улуми Ӯзбекистон, профессор Темур Ширинов, ходими калони ҳамин институт, номзади илми таърих Абдулҳамид Анорбоев, ходими калони институти бостоншиносӣ, номзади илми таърих Боқиҷон Матбобоев, доктори улуми таърих Муҳаммадҷон Исомиддинов, номзади илми таърих Амриддин Бердимуродов бо маърӯзаҳои «Мероси аҷдодон - оинаи маънавиятамон», «Таърихи халқамон — хазинаи бузург», «Косони қадим дар таърихи Фарғона», «Мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Гӯйшань- Гейсай», «Ҷараёни таърихӣ дар ёдгориҳои таърихии ноҳияи Косонсой», «Махмуди Аъзами Косонӣ - Даҳбедӣ» баромад карданд.

Маърӯзачиён оиди таърихи ғаниву қадимии Косонсой сухан ронда, мавқеи ин бостоншаҳр дар таърихи муштараки водии Фарғона ва аҳамияти омӯзиши онро қайд намуданд. Маълумотҳои пурқимат оиди таърихи Косонсой ба ҳозирон таассуроти фаромӯшнопазир гузошт. Дар анҷуман қарор дода шуд, ки дар Косонсой «Маркази илмии омӯзиши таърихи Косон ва Косониён» ташкил карда шавад.

### Ташрифи сафир

**Намангон.** Сафири Мухтор ва фавқулоддаи Федерацияи Русия дар Ӯзбекистон Д.Б.Рюриков ба вилоят бо ташрифи амалӣ омад. Сафирро Ҳокими вилоят Т.О.Ҷабборов самимона пазирой намуда, дар хусуси вусъати ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангии байни вилояти Намангон ва губернияҳои Русия бо меҳмони олимақом нақл намуд.

Сафири Русия ҳангоми ташриф бо як теъдод корхонаҳои муштараки Ӯзбекистон - Русия, ки дар вилоят фаъолият мебаранд, шинос шуд. Дар литсейи академикии назди институти муҳандисию педагогии шаҳр вохӯрии сафир бо омӯзгорон ва хонандагони синфҳои болоии мактабҳои русии шаҳри Намангон баргузор гардид. Ҳангоми вохӯрӣ сафир дар бораи фаъолияти сафоратхонаи Русия оиди инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ӯзбекистон сухан ронда ба саволҳои сершумори ҳозирон ҷавоб гардонд. Дар охири вохӯрӣ сафир ба мактабҳои русӣ бастаҳои китобҳои дарсиро ҳадя намуд.

**А. НУРИДДИНОВ.**

## 14 январ — Рӯзи ҳифозатгарони Ватан

### Тарбия дар рӯҳи садоқатмандӣ ба Ватан

***Дар мамлакатамон якмоҳагии ватандӯстии оммавӣ бахшида ба Рӯзи ҳифозатгарони Ватан давом дорад. Онро Кенгаши Марказии Ташкилоти мададгори мудофиаи Ӯзбекистон «Ватанпарвар», вазоратҳои дифоъ, маорифи халқ, Кумитаи занон, Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот», бунёдҳои «Нуроний», «Маҳалла», «Шаҳидлар хотираси», ҳамчунин маркази ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» мегузаронанд.***

— Мувофиқи барномаи якмоҳагӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ҷамоатҳои меҳнатӣ, маҳаллаҳо, қисмҳои ҳарбӣ дар пойгоҳи асарҳои Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов, маърӯзаҳои ӯ дар иҷлосияҳои Олий Маҷлис рӯзҳои сиёсӣ гузаронда мешаванд. Вохӯрӣ ва мулоқотҳо дар гирди «мизи мудаввар» таҳти унвони «Мавқеи Ӯзбекистон дар амалиётҳои зиддитеррористӣ дар пойгоҳи Изҳорот аз 5 октябри соли 2001» гузаронда шуданд ва мешаванд, — мегӯяд раиси Кенгаши Марказии Ташкилоти «Ватанпарвар» Абдулазиз Абдуқаҳҳоров. — Ҳоли ҳозир ҷавононе, ки таҳсил доранд, курсантҳои мактабҳои автомобилии ташкилоти мо дар мусобиқаҳои оммавӣ аз рӯи намудҳои техникӣ ва амалии варзиш фаъолона иштирок мекунанд.

Ба шунавандагон сӯҳбатҳое, ки дар ҷамоатҳои меҳнатӣ, маҳаллаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ташкилоти мо аз рӯи мавзӯъҳои «Сулҳу осоиши мустаҳкам ва мӯътадилии амният-кафолати ҳаёти осоишта ва пешрафт», «Пурзӯр кардани фаъолнокии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат — талаботи давр», «Корҳои бунёдкорона, меҳнати пурсамари мо-асоси боэътимоди баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакатамон», «Терроризм-душмани пешрафт», «Маъвоямонро бояд худамон ҳифз намоем» гузаронда мешаванд, бештар маъқул меафтад.



Мувофиқи барномаи якмоҳагӣ намояндагони ҳокимиятҳо, Қувваҳои Мусаллаҳ, собиқадорони ҷангу меҳнат, курсантҳои мактабҳои автомобилӣ, ташкилоти «Ватанпарвар» волидон ба қисмҳои ҳарбӣ рафта, бо ҳаёт ва фаъолияти ҳарбии сарбозон ошно мегарданд. Ҳангоми чунин мулоқотҳо бештар ҳунарнамоии устодони санъат ва ҳунарварони ҷавон ташкил мегарданд.

«Дарсҳои мардонагӣ», ки дар муассисаҳои таълими оливу миёна, мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, литсеву коллеҷҳо бо иштироки афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳамчунин шабнишиниҳои хотиравӣ якҷоя бо волидони сарбозҳое, ки ба Ватану қасамёди ҳарбӣ содиқ монда, дар набардҳо ба муқобили гурӯҳҳои террористӣ қурбон шудаанд, гузаронда мешаванд, зиёрат кардани Хиёбони Хотираву Қадр ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳи садоқатмандӣ ба Ватан, эҳтироми ғояи истиқлол хизмат мекунанд.

**Т.БОТИРБЕКОВ, мухбири ӮзА.**

## Маркази нав

***Шӯъбаи нукусии Маркази илмии ёрии тиббии оҷилӣ ба истифода супурда шуд. Дар маросим бахшида ба ин воқеа вазири тандурустии ҷумҳурият Ф.Назиров, Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Т.Камолов суханронӣ карда, дар бораи ислоҳотҳое ҳарф заданд, ки дар соҳаи тандурустӣ ба рӯи об бароварда мешаванд. Ҳамчунин дар бораи корҳое ҳарф заданд, ки оид ба мустаҳкам кардани саломатии аҳолӣ ба иҷро расонда мешаванд.***

Марказ аз тарафи бинокорони раёсати рақами дуюми тармимиву бинокории назди Ҷамъияти саҳҳомии «Қароқалпоқтаъмирқурилиш» сохта шуда, 360 миллион сӯмина корҳо ба иҷро расиданд.

Дар марказ беш аз 1000 нафар кормандони соҳаи тиб фаъолият пеш мебаранд. Дар байнашон хеле зиёд докторон ва номзадҳои илм ҳастанд. 2 шӯъбаи реаниматсионӣ, ҷарроҳӣ ва дармони марказ бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ муҷаҳҳаз аст.

Бешак, ин маркази ягонаи тиббӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба таҳкими тандурустии аҳолие саҳми калони худро мегузорад, ки дар шароити мураккаби экологӣ ҳаёт ба сар мебаранд.

**А.ОРТИҚБОЕВ, мухбири ӮзА.**

## Тӯҳфаи солинавии Григорян

**Муштзани номдори ӯзбекистонӣ Артур Григорян бори понздаҳум унвони қаҳрамони ҷаҳонро аз рӯи равиши Ташкилоти умумиҷаҳонии бокс WBO дар вазни 61,23 килограмм нигоҳ дошт. Вай дар шаҳри Магдебурги Олмон аз болои ҳарифаш Ракки Мартинеси мексикагӣ ғолиб омад. Муштзани мексикагӣ дар даври ҳаштуми мусобиқа ба нокаути техникӣ афтод. То ҳол Р.Мартинес сиюшаш бор ғолиб омада, танҳо шаш маротиба аламӣ мағлубиятро чашида буд.**

Артур Григорян яке аз нодиртарин муштзани касбӣ ба ҳисоб меравад, ки дар бадали тамоми фаъолияти варзишиаш ақаллан боре мағлуб нагардидааст. Вай сиюҷор маротиба дар рингҳои ҷаҳон мусобиқа карда, шарафи мамлакатамонро ҳимоя намудааст. Дар ҳамаи вохӯриҳо ғолиб омадааст. Дар 22 ҳолат ӯ рақибашро нокаут кардааст.

Комёбиҳои ҳамватанони мо дар мусобиқаҳои байналхалқӣ, медалҳои сершумори онҳо ин натиҷаи диққату эътибори калон нисбати варзиш мебошад, ки дар мамлакати мо таҳти сарварии Президент Ислом Каримов ба рӯи об бароварда мешавад. Аз он ҷумла, солҳои охир баробари дигар намудҳои варзиш бокс бомуваффақият рушди худро меёбад. Ба он далели мазкур мисоли равшан шуда метавонад, ки муштзанҳо-ҳаваскорони мо — Муҳаммадқодир Абдуллоев, қаҳрамони ҷаҳон Руслан Чагаев, Қувончбек Тойғонбоев аз паси Артур Григорян рафта, дар бокси касбӣ ҳам ба комёбиҳои калон муваффақ мегарданд.

Корҳои пурсамар дар бобати ба воя расондани ҷойнишинони муносиб ба иҷро расонда мешаванд. Муштзанҳои ҷавони мо шарафи мамлакатамонро дар мусобиқаҳои бонуфуз сазоворона ҳимоя мекунанд. Аз он ҷумла, дар мусобиқаи аввали ҷаҳон дар байни наврасон, ки 9-21 октябри соли 2001 дар Боку ба амал омад, варзишгарони ҷавони ӯзбекистонӣ соҳиби ду медали тилло, як нуқра ва ду биринҷӣ гардиданд.

**З. Тошхӯҷаев, мухбири ӮзА.**

## Фаронсавиён бо лафзи ӯзбекӣ ҳарф мезананд

***Дар нашриёти «Арматан»-и Париж маросими муаррифии китоби «Ӯзбекча сӯзлашайлик» ба амал омад, ки муаллифи он омӯзгори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд Саодат ДОНИЁРОВА мебошад.***

Маросими мазкур, ки бо мадади Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Фаронса ва Ассотсиатсияи «Евро-Медитеране» гузаронда шуд, намоиш дод, ки майлу шавқи фаронсавиён то чӣ андоза ба забону фарҳанги халқи ӯзбек баланд мебошад.

Китоб ба оммаи васеи хонандагон таъин гардидааст. Дар он маълумотҳои шавқовар дар бораи фарҳанги халқҳои Ӯзбекистон, анъанот, урфу одат, ҳаёти имрӯзаи он гирд омадаанд. Ба китоб ҳамчунин кассетаи магнитии луғати забони ӯзбекӣ илова гардидааст.

**Уйғун РӮЗИЕВ, мухбири ӮзА.**

## Маблағи Бонки умумиҷаҳонӣ

***Ба қарибӣ Шӯрои директорони Бонки умумиҷаҳонӣ қарорро дар хусуси додани вом ба андозаи 36 миллион доллари ИМА барои амалӣ гардондани лоиҳаи «Таҷдиди корхонаҳои кишоварзии Ӯзбекистон» қабул кард.***

Маблағи мазкури бонк ба таҳкими заминаи моддиву техникии корхонаҳои кишоварзӣ, такмил додани инфрасохтори ноҳиявии хоҷагиҳои об, хизматрасонии техникӣ, агротехникии кишоварзӣ, рушди корхонаҳои азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ харҷ мегардад.

Лоиҳа, ки амалӣ гардондани он ба чор сол таъин гардидааст, дар панҷ ноҳия: Элликқалъа (Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон), Марҳамат (вилояти Андиҷон), Нишон (вилояти Қашқадарё), Шеробод (вилояти Сурхондарё), Оҳангарон (вилояти Тошканд) ба рӯи об бароварда мешавад. Вай дар худ ин ҷиҳатҳоро мунъакис кардааст.

Таҷҳизонидани корхонаҳои мошину тракторҳо ва сервиси автомобилӣ.

Бо маблағҳои гирдгардон таъмин будани корхонаҳои кишоварзӣ.

Рушди инфрасохтори хизматрасонӣ дар деҳот.

Вом ба муддати 20 сол пешкаш карда, панҷ солаш давраи имтиёзнок ба ҳисоб меравад. Воми мазкур ба ҳисоб даҳумин қарз аст, ки Ӯзбекистон баробари соли 1992 узви ин бонк шудан мегирад ва ҳаҷми умумии аз ҷониби бонк ба Ӯзбекистон ҷудо кардани вом 494 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст.

**(ӮзА).**

## Эътирофи камбудиҳо

***Чуноне ки пештар хабар дода будем, маҷлиси навбатии Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот ба амал омада, дар он масъалаи иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» «Дар бораи фаълияти ноширӣ» ва «Дар бораи кафолатҳо ва озодона бархурдор будан аз иттилоот» дар вилояти Қашқадарё мавриди баррасӣ қарор гирифт.***

Маҷлис таҳти сарпарастии раиси кумита Ӯткир Ҳошимов гузашт.

Дар он маълумоти ҷонишини ҳокими вилояти Қашқадарё Назар Ҳакимов, сарвари раёсати Кумитаи давлатии матбуоти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҷаббор Раззоқов, раиси Бунёди ҷонибдорӣ ва демократикунонии матбуоти Ӯзбекистон Хуршед Дӯстмуҳаммедов, як қатор сарварони идораҳои масъули фаъолияти ноширӣ, табъу нашр, телевизион шунида шуд.

Бояд зикр намуд, ки ҷонишини ҳокими вилоят Назар Ҳакимов ва дигарон бештар дар бораи камбудиҳое ҳарф заданд, ки ҳоли ҳозир дар ин бобат ҷой доранд. Аз он ҷумла, зикр гардид, ки на ҳамаи маҳалҳои вилоят бо воситаҳои ахбори оммавӣ фаро гирифта шудаанд. Минҷумла, рӯзномаву маҷаллаҳо ба қадри зарурӣ ба хонадонҳо рафта намерасанд. На ҳама маҳалҳо аз барномаҳои телевизион бархурдоранд. Сифати чопи баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ ҷавобгӯи айём нест. Ҳоли ҳозир танҳо ҳафтод фоизи нашрияҳои вилоят бо усули офсет рӯи чопро мебинанд. Дар баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ, минҷумла рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ баробари бад будани сифати чоп маводҳои хонданибоб ба назар намерасанд. Аз ҳамин сабаб теъдоди чопи онҳо кам буда, боиси афзудани хароҷотҳо мегарданд. Ба ин рӯзномаи ноҳияи Деҳқонобод «Деҳқонобод овози»-ро мисол карда нишон додан мумкин аст. Рӯзномаи мазкур ҳамагӣ бо 320 нусха рӯи чопро мебинад ва аз чӣ гуна муносибат доштани муассиси худ нисбати нашрия мисоли равшан мебошад.

Дар ин бобат савол ин тавр кӯндаланг ба миён гузошта шуд: агар аҳволи рӯзномаи ноҳиявӣ ин тавр бошад, дар он сурат аҳолии ноҳия аз кадом воситаҳо бо ахбор таъмин карда мешаванд? Меҳнаткашони ноҳия аз ахбори таъиноти маҳаллӣ бархурдор нагарданд, дар он сурат аз чӣ тавр ба амал омадани воқеаҳо дар дигар маҳалҳо аз кадом манбаъ бохабар шуданашон мумкин аст?

Дар ин бобат баробари ҷамоати рӯзнома муассисони он ҳам айбдоранд. Чунки муассисон аз ҳолу аҳволи нашрияи худ бохабар намегарданд, онро бо маблағ, кадрҳои зарурӣ таъмин намекунанд. Оқибат ба ном рӯзнома чоп мегардаду касе бо мазмуну мундариҷаи он сару кордор нест.

Дар ин ҷо беҳуда муносибати муассисон ба миён гузошта нашуд. Зеро дар вилоят 31 рӯзнома рӯи чопро мебинад, ки аз он дутояш рӯзномаи ҳокимияти вилоят, 14-тоаш рӯзномаи ҳокимияти ноҳияҳо, яктоаш рӯзномаи ҳокимияти шаҳр ва 14-тоаш соҳавӣ мебошад. Теъдоди умумии чопи онҳо ҳамагӣ 40 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад. Оё он барои аҳолии қариб думиллионнафараи вилояти Қашқадарё кам нест? Охир маҳз рӯзномаи соҳавии «Эфирда Қашқадарё», ки муассисони он Кенгаши вилоятии қашқадарёгии Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон ва ширкати телевизиону радиои вилоят мебошанд, беш аз 13 ҳазор нусха чоп мешавад. Ва онро бо теъдоди умумии чопи рӯзномаҳо дар вилоят қиёс намуда, ба муассисонаш аҳсант хонданатон лозим меояд. Зеро онҳо ба рӯзномаи худ пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунанд, аз ҷиҳати моддӣ ҷонибдорӣ карда, барои хонову шавқовар баромадани он мекӯшанд. Ва ин саъю кӯшиш самараи дилхоҳи худро мебахшад. Аз ҳама муҳимаш таъсири ин нашрия пурзӯртар шуда, масканҳои нав ба нав, хонадонҳои нав ба навро фаро мегирад.

Дар маҷлис бештар ба сифати рӯзномаҳои ноҳиявӣ эрод гирифта шуд ва он сабаб дорад. Чунки онҳо ҳамоно аз усули кӯҳнаи чоп истифода мебаранд. Яъне дар матбааҳое, ки онҳо рӯи чопро мебинанд, ҳамоно ускунаҳои кӯҳнаи ҳуруфчинӣ ва чопи рӯзномаҳо кор мекунанд, дар бобати нав кардани онҳо касе майна об намекунад. Ва он ба сифати рӯзномаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Сабаби асосии он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки раёсати матбуоти вилоят, аксари роҳбарони ноҳияҳо ба кори ноширон, эҷодкорон, кормандони рӯзномаҳо ба қадри зарурӣ марок зоҳир намекунанд, барои нав кардани ҷиҳозоти матбааҳо диққату эътибори зарурӣ намедиҳанд. Дар айни замон ба кам шудани теъдоди чопи рӯзномаҳо дар саҳифаҳои онҳо ба қадри зарурӣ набудани мақолаҳои таҳлилӣ, танқидӣ низ яке аз сабабҳост.

Дар вилоят нуктаҳои қонун «Дар бораи кафолатҳо ва озодона бархурдор будан аз иттилоот» аз тарафи шахсони мансабдор иҷрои худро ёфтааст. Ҳолатҳои монеъгӣ нишон додан, ё худ саркашӣ кардан дар бобати додану гирифтани иттилоот ба чашм намехӯрад. Вале азбаски кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ бо воситаҳои замонавии баҳрабардорӣ аз иттилоот таъмин нестанд, бисёр вақт иттилоот гирифтан тавассути пешакӣ, хаттӣ додани саволҳо, сӯҳбати рӯ ба рӯ ва ё баъзан тавассути телефон амалӣ гардонда мешавад, ки бар хилофи қонун нест. Вале дар ин бобат як камбудии умумӣ ҳаст. Яъне баъзе шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ сари вақт ҷавоб намедиҳанд ва ё умуман ҷавоб доданро фаромӯш мекунанд.

Имрӯзҳо дар вилояти Қашқадарё 5 студияи телевизион фаъолият дорад, ки чортояш давлатӣ, яктоаш хусусӣ буда, дар ноҳияи Ғузор асту «Қалдирғоч» ном гирифтааст. Маркази нави телевизионӣ дар арафаи Соли нав ба истифода супурда, имконияти бештар кардани соатҳои намоиш ва хушсифат пахш кардани барномаву гуфторҳои телевизиону радиои вилоятро фароҳам овард. Барои пурра амалӣ гардидани мақсади мазкур мебояд як қатор муаммоҳо, минҷумла муаммои бо воситаҳои замонавии наклиёт, асбобу ускуна таъмин кардани ширкати телевизиону радиои вилоят ҳаллу фасли худро ёбанд.

Дар маҷлиси кумита ҳангоми муҳокимаи иҷрои Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти ноширӣ» як далел алоҳида зикр карда шуд: дар вилояти Қашқадарё бисёр китоб мехонанд ва дар ин бобат фаъолияти ташкилотҳои ба ин кор мутасаддӣ боиси қайд мебошад.

Дар вилоят Нашриёти давлатии «Насаф», 15 матбааи ноҳиявиву шаҳрие фаъолият пеш мебаранд, ки ба ҳисоби хоҷагӣ гузаштаанд. Онҳо ҳангоми амалӣ гардондани фаъолияти хеш мустақилкоранд. Дар вилоят бо саъю кӯшиши нашриёту матбааҳои мазкур ҳар сол ба ҳисоби миёна 50 номгӯи китоб рӯи чопро мебинад. Масалан, Нашриёти «Насаф» соли 2000-ум 45 номгӯи китобро бо теъдоди умумии 37200 нусхаву 172,4 ҷузъи чопӣ, дар бадали нӯҳ моҳи соли гузашта 54 номгӯй китобро бо теъдоди умумии 54,6 ҳазор нусхаву 164,6 ҷузъи чопӣ баровардааст. Аз ҳама муҳимаш, бисёр китобҳое чоп гардидаанд, ки ба ҷавонон таъин гардидаанд.

Китобҳо тавассути шахсони ҳуқуқӣ, Ҷамъияти саҳҳомии «Қашқадарёкитобсавдо», бастани шартнома бо шахсони ҷисмонӣ (муаллифони китобҳо) дар саросари вилоят пахн мегардад. Дар шаҳри Қаршӣ «Хонаи китоб» фаъолият пеш мебарад, ки баробари замон қадам мепартояд ва умуман гӯем, савдои китоб дар вилоят хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар ин бобат низ як камбудӣ ҷой дорад. Он ҳам бошад мавҷуд набудани нашриётҳои соҳавӣ ва хусусист. Дар натиҷа рақобат ба назар намерасад.

Дар маҷлис баъзе мулоҳизаҳои танқидӣ нисбати унвони ҳокимияти вилоят, ташкилотҳои мутасаддӣ баён гардид ва онро ҳамагон эътироф карда, дар бобати роҳҳои ҳаллу фасли ин муаммоҳо изҳори ақида карданд.

Дар маҷлиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот ба Кумитаи давлатӣ оид ба матбуот, Ширкати телевизиону радиои ҷумҳурият, ҳокимиятҳои вилоят, ноҳияҳо ва шаҳрҳо дархост дар бобати кӯмак расондан ба ҳайати эҷодии рӯзномаҳо, телевизиони вилоят оиди беҳдошти заминаи моддиву техникии онҳо, фароҳам овардани шароити зарурии кору истироҳат ба паёмнигорон, боз ҳам шавқовару ҷозибанок ва ҳаматарафа равшан кардани воқеаҳо дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ баён гардид.

Аҳли маҷлис аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул карданд.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ.**

## Муборакбодиҳои самимона

Ба номи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба муносибати соли нави 2002 бо дархостҳои беҳтарини сулҳу салоҳ, осоиштагӣ ва шукуфонӣ ба сарзаминамон аз унвони сарварони як қатор давлату мамлакатҳои хориҷӣ муборакбодиҳои самимона мерасанд.

Президенти Украина Леонид Кучма муборакбодии самимонаи мазмунаш зайлро ирсол намудааст:

**«Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон,**

**Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,**

**аз номи халқи Украина ва шахсан аз номи худам Шуморо бо Соли нави 2002 аз самими қалб муборакбод менамоям.**

**Бо қаноатмандӣ қайд карданиам, ки дар соли сипаришуда равобити анъанавии дӯстона байни Украина ва Ӯзбекистон, ҳамчунин ҳамкории дуҷониба, махсусан дар соҳаи иқтисодӣ муназзам инкишоф ёфт. Баробари ин вай нерӯи беҳадро молик аст.**

**Мӯътақид ҳастам, ки дар соли кунун халқи боистеъдоду меҳнатдӯсти Ӯзбекистон дар бобати рушди соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ қуллаҳои навро фатҳ мекунад, муносибатҳои мутақобилаи мунтазам инкишофёбанда байни Украина ва Ӯзбекистон вусъату таҳкими худро пайдо мекунад.**

**Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, ба Шумо тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ, бахту саодат ва комёбиҳои навро дар фаъолияти пурмасъулияти давлатиатон, ба халқи Ӯзбекистон бошад, сулҳу осоиш, некиву шукуфониро таманно дорам.**

**Бо камоли эҳтиром Леонид КУЧМА.**

**Президенти Украина».**

Ҳамчунин инҳо муборакбодиҳои самимонаи худро ирсол кардаанд: Президенти Ҷумҳурияти Арманистон Роберт Качарян, Президенти Ҷумҳурияти Қирғизистон Аскар Акаев, Президенти Ҷумҳурияти Молдова Воронин, Президенти Ҷумҳурияти Озарбойҷон Ҳайдар Алиев, маликаи Дания Маргрете II, Президенти Ирландия Мэри Макелис, Президенти Ҷумҳурияти Мардумӣ-Демократии Лаос Кхамтай Сипхандон.

Ҳамчунин ба унвони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов инҳо муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарини худро ирсол кардаанд:

Президенти Ҷумҳурияти Федеротивии Олмон Йоханнес Рау, Президенти Ҷумҳурияти Лаҳистон Александр Квасневский, Президенти Ҷумҳурияти Белорус Александр Лукашенко, Президенти Туркманистон Сапармурод Ниёзов, Раиси Кумитаи Доимии Маҷлиси Умумичинии намояндагони халқ Ли Пэн, Нахуствазири Шӯрои Давлатии Ҷумҳурияти Мардумии Чин Чжу Жунцзи, Раиси Садорати Маҷлиси Олии Мардумии Ҷумҳурияти Халқӣ-Демократии Куриё Ким Ен Нам, Президенти Ҷумҳурияти Тотористон Минтемир Шаймиев, Нахуствазири Канада Ж.Кретен, генерал-губернатори Канада А.Кларксон, Нахуствазири Давлати Исроил Ариэл Шарон, Сармуншии НАТО лорд Ҷорҷ Робертсон, Сармуншии Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Хавер Солан, раиси Кумитаи байнидавлатии авиатсионӣ Т.Анодина, Президенти Фарҳангистони иқтисодии Россия ба номи Г.Плеханов В.Видяпин, ректори Донишгоҳи давлатии Маскав, академик В.Садовничий.

## Ба кишт омода

**Уйчӣ.** Дар хоҷагии ширкатии ба номи Абдувалӣ Мӯъминов ба сармои зимистон ва сардии ҳаво нигоҳ накарда, корҳои саҳрой идома дорад. Механизаторони хоҷагӣ аз ҳар як рӯзи офтобӣ самаранок истифода бурда, корҳои бапуштагириро анҷом доданд. Онҳо ҷамъ 205 гектар заминро ҷӯяк гирифта, ба киштукори баҳорӣ омода сохтаанд. Дар ҳамаи ин ҷӯякҳо аввали фасли баҳор пунбадона ба зери пардаи сунъӣ кошта мешавад. Дар корҳои бапуштагирӣ ва ҳамворгардонии майдонҳо механизаторони пешқадам Рустам Акпаров, Ҳусайнбой Шокиров ва Ёқубҷон Усмонов намунаи ибрат мебошанд.

Имрӯзҳо дар устохонаи марказии хоҷагӣ таъмири техникаи кишту кор дар авҷ аст. Гурӯҳи поруҷамъкунии хоҷагӣ ҳар рӯз ба сари заминҳо 25 — 30 тонна поруи маҳаллӣ кашонда, барои ҳосили оянда захира менамоянд.

**А. НУРИДДИНОВ, мухбири вилояти Намангон**

**Доғҳои сиёҳи таърих**

# Орзуҳои саркӯбшуда

**Маҷид Ҳасанӣ**

Он чун як вулқон буд. Ҳамин қадар даҳшатнок, ки ҳама, ҳатто онҳое, ки офаридандашу дар доми вай ба боди фано мерафтанд, меҳаросиданд. Ин мафкураи коммунистӣ буд.

Дар китоби «Байни ду оташ»-и адиби кӯҳансол ва журналист Маҷид Ҳасанӣ, ки дар нашриёти «Адолат»-и вазорати Адлияи ҷумҳурӣ ба табъ расидааст, мавзӯи қурбониёни айёми таъбид қаламдод шудааст. Дар зер порчаеро аз он китоб манзури шумо мегардонем.

Анҷумани навбатии Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон, ки рӯзи 10 июни соли 1937 кушода шуд, дар вазъияти мураккаб гузашт. Пештар аз он пленуми Кумитаи Марказӣ баргузор гардида, дар хусуси афзудани сафи душманон сухан рафта буд. Анҷуман мебоист масъалаҳои ғуншударо муҳокима намуда, вазифаҳои назди коммунистони Ӯзбекистон бударо гӯшрас мекард.

Акмал Икромов, Файзулло Хӯҷаев, Йӯлдош Охунбобоев ва дигар роҳбарони ҷумҳурӣ аз раёсати съезд ҷой гирифтанд. Мувофиқи рӯзнома маърӯзаи ҳисоботии сармуншии Кумитаи Марказӣ А.Икромов шунида шуд. Баромади ӯ тезутунд, ки буд, намояндагон бо як нигаронии шадид гӯш меандохтанд. Ҳамин тавр ҳам бояд мешуд! Ҳизб аъзоёни худро доимо бо роҳи рост илқо ва хатою камбудии онҳоро ба рӯяшон гуфтанаш лозим. Касе ҳақ надорад ба боварии он хати батлон кашад ё сӯиистемол намояд. Ф.Хӯҷаев чанд бор ба маҷлиси съезд раисӣ кард. Худаш низ сухан гирифта, дар хусуси масъалаҳои муҳокимашаванда фикрашро баён менамуд. Дар анҷуман, ки як ҳафта давом кард, бисёр муаммоҳо мавриди муҳокима қарор ёфтанд. Фикрҳо ошкор баён мешуданд. Бахусус баромадагон дар шаъни ҳизб ва Сталин суханҳои баландпарвоз гуфта, ваъда медоданд, ки бо роҳи нишондодаи доҳии аъзам пеш мераванд.

Аммо вазъият рӯзи охирини анҷуман 17 июн тезутунд гардид. Лозим буд, ки масъалаи ташкилӣ дида шавад.

Аз ҷӣ бошад, номи Ф.Хӯҷаев аз рӯйхати ба таркиби Кумитаи Марказӣ шомилбудагон афтода буд. Нахуст бисёрҳо фикр карданд, ки иштибоҳ рух додааст. Лекин зуд маълум гашт, ки масъала ҷиддист. Тавсия нагардидани номзадии раиси Шӯрои Комиссарони Халқ, ки дар ҷумҳурият роҳбари дуввум ҳисоб меёфт, аксичашмдошт буд. Ҳол он ки Ф.Хӯҷаев аз вазифае, ки соҳибӣ мекард, озод карда нашуда буд. Дар ин ҳолат ба таркиби КМ дохил нагардидани ӯ ба ақли иштирокдорони анҷуман намеғунҷид.

Бӯи бозии пинҳонии сиёсӣ баъдтар баромад. Дар вазъе, ки номзадии Ф.Хӯҷаев ба ҳайати КМ ворид нагашта буд, баъзе вакилони анҷуман дар хусуси «айбу нуқсонҳои» вай ба сухан баромаданд. Ин ғайриинтизор буд. Баъзе нотиқон ҳатто ҳукуматеро, ки Ф.Хӯҷаев сарварӣ мекард, бераҳмона танқид карданд. Хосса оиди баромади иҷтимоии сарвари ҳукумат сухан мерафт. Роҳ додан ба камбудиҳо дар соҳаи рушди саноати ҷумҳурӣ, нуқсонҳо зимни коллективонии хоҷагии қишлоқ, саросемагию шитоб дар бекор кардани алифбои арабиасос, бо роҳи чапғалат ба вазифаҳои баланд баромадани баъзе шахсони нолоиқ сахт танқид гаштанду калтак ба сари Ф.Хӯҷаев мешикаст. Айбҳое, ки бор шуданд, ҷиддӣ ва рад кардани онҳо мушкил мегашт.

Роҳбари ҳукумат бо вазнинии ба худ хос ҳар як баромадро бо диққат шунида, бо қадри ҳолат ба онҳо ҷавоб медод. Лекин аён мегашт, ки ба ҳарфҳои ӯ эътибор намедиҳанд.Торафт сафи онҳое, ки ҷонибдораш буданд, кам мешуданд. Наход тақдири ӯро аллакай ҳал карда бошанд? Чаро касе ӯро дар ин хусус пештар огоҳ накард? Зимнан, зери коса нимкоса будагӣ барин. Пешакӣ нақшаи макрона кашида, онро ба амал мебароранд. Аз афти кор, раҳои аз доме,ки афкандаанд, душвор аст.

Ин ноадолатӣ ба шахсе, ки ҳаёти худро ба халқ ва ҳизб бахшида буд, вазнин меафтод. Таҳаммули ин вазъ осон набуд. Ҳис мекард, ки пояи лавозимаш футур ёфтааст. Дар таъсири воқеаҳои нохуши чандрӯза Ф.Хӯҷаев ба сактаи қалб дучор шуд. Се рӯз бистарӣ гашт. Саҳл ба худ омада, рӯзи 27 июн маҷбуран ба кор баромад. Он охирин рӯзи дар курсии хизмат нишастанаш буд. Ба қарори 870-уми Шӯрои Комиссарони Халқ дар хусуси корҳои ҷорӣ, ки рӯи мизаш мехобид, имзо гузошт. Ин вопасин имзои ӯ ба ҳуҷҷатҳои расмӣ буд.

Як вақтҳо худи А.Икромов ӯро ба роҳбарии ҳукумат тавсия карда буд. Дар сессияи аввали КИМ Ӯзбекистон, ки рӯзи 17 феврали соли 1925 баргузор гардид, А.Икромов чунин изҳор дошта буд:

— Мо дар баробари интихоби раиси Кумитаи Иҷроия раиси Шӯрои Комиссарони Халқи ҷумҳуриро низ интихоб намоем. Ин гуна шахс бояд ба боварии омма сазовор бошад, вазифаи масъули дар зиммадоштаашро ба иҷро расонад. Оне, ки ба ин ду хислат соҳиб аст, намояндаи фраксияи болшевикон Файзулло Хӯҷаев мебошад.

Аз байн ҳамагӣ 12 сол гузашт. Чаро акнун ба рӯи хизматҳои бузурги Эшонака хати батлон мекашанд? Ин ба кӣ лозим шуда монд? Охир, модоме ӯ хато кардааст, чаро дӯстона ба рӯяш нагуфтанд, вай чун роҳбари ҳукумат қодир буд онро ислоҳ кунад. Ӯ барои танқиди холисона аз касе намеранҷад. Аммо хӯфиёна амал карда, номаълум аз паи бадном кардан афтодан аз рӯи инсоф нест.

Интизории изтиробангез як ҳафта тӯл кашид. Гоҳо сабри Ф.Хӯҷаев сар омада, боз ба «қалъаи наҷот» занг заданӣ мешуд, вале зуд аз нияташ мегашт. Чунки ин кори ӯ ба он тарафбудагон хуш намеомад. Фақат сабр, сабр бояд кард!

Ҳамин тавр бошад ҳам, Ф.Хӯҷаев ба низом риоя накарда, илтимос кард, ки ба қабули доҳӣ дарояд. Рад карданд ва дар яке аз шомҳои беҳаловат ходимони баландрутбаи девони Марказии НКВД ӯро ба ҳабс гирифтанд.

Абдулло Низомхонов, ки ҳамон вақт ҳамчун котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Хатирчӣ адои вазифа мекард, чунин ба хотир меорад:

«Дар Анҷумани VII Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон як қатор масъалаҳо муҳокима гардиданд. Хусусан дар масъалаи интихоби раиси Кенгаши Комиссарони Халқи ҷумҳурият ба ҳайати Кумитаи Марказӣ вазъият тезутунд гашт. Котиби аввали кумитаи ҳизбии вилояти Хоразм Н.Исроилов ва котиби аввали Кумитаи Марказии ЛКСМ Ӯзбекистон И.Ортиқов бо он айбдор намуданд, ки «ӯ дар масъалаи худкушӣ кардани бародараш» дар анҷуман чизе нагуфтааст. Дар овоздиҳии пинҳонӣ Ф.Хӯҷаев ба ҳайати КМ овоз нагирифт. Дар баробари ӯ комиссари халқи Молияи ҷумҳурӣ Акбар Исломов, раиси шӯрои шаҳри Тошканд Абдулҳай Тоҷиев, комиссари халқи корҳои Замин Рустам Исломов, котиби кумитаи ҳизбии вилояти Намангон Эрматов низ аз рӯйхат афтиданд

Рӯзи чаҳоруми кори анҷуман раисикунанда котиби Кумитаи Марказӣ оиди хоҷагии Қишлоқ Мирмуслим Шермуҳаммедов хабар дод, ки ахбороти комиссияи ҳисоб бегоҳ шунида мешавад. Маҷлиси шабона ба пагоҳ гузошта шуд. Рӯзи дигар, вақте ҳама ҷамъ шуданд, бо кадом чашм нигарем, ки дар президиум Ф.Хӯҷаев наменамуд. Ҳамин вақт А.Икромов ба сухан баромада, таъкид намуд: «Дӯстони азиз! Аз он ки кори анҷуман як рӯз тӯл кашид, маъзарат мехоҳем. Сабаб он ки номзадии Ф.Хӯҷаев ба аъзогии Кумитаи Марказӣ дар овоздиҳии пинҳонӣ нагузашта монд. Дар ин хусус ман ба рафиқ Сталин сим зада, хабар додам. Ӯ ҷавоб дод, ки «ҳамаашро демократия ҳал мекунад».

Инро гуфта, А.Икромов аз минбар фуромад. Баъдтар шунавем, Ф.Хӯҷаев нотоб шудааст. Тақдири минбаъдаи ӯ ба ҳамагон маълум.

Дар ҳамин анҷуман боз дар хусуси як шахс кашокаш шуд. Юсуфов, ки нав аз Маскав баргашта буд, чун комиссари халқи Озуқаи Ӯзбекистон ифои вазифа мекард.

Дар анҷуман ба рӯйихати номзад ба аъзоёни КМ номи ӯ низ даровардa шуд. Дар ин хусус худи А.Икромов дар анҷуман маълум намуд. Аммо натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Баъди он М.Шермуҳаммедов дубора ӯро ба овоз монд. Боз бенатиҷа. А.Икромов бори дигар аз ҷо бархеста: «Дӯстон, — гӯён муроҷиат кард, — аз афт шумо сухани маро нафаҳмидед. Рафиқ Усмон Юсуфов комиссари халқи Озуқаи ҷумҳурист, бо мо бояд ҳамнафас кор кунад. Агар маро ҳурмат кунед, илтимос мекунам, Усмон Юсуфовро ба аъзогӣ интихоб намоед».

Пленуми дуввуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон, ки сентябри соли 1937 баргузор гардид, дар таърихи ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ нақши сиёҳ гузошт. Дар он иштирок намудани котиби кумитаи Марказии ВКП(б) А. Андреев ғайритабиӣ менамуд. Дар раёсати пленум А. Андреев, А. Икромов ва муовини раиси Кенгаши Комиссарони Халқи ҷумҳурӣ Тӯрабеков ҷо гирифта буданд. Иштирокдорони пленум А. Икромовро ду моҳ инҷониб акнун медиданд. Зеро баъди анҷумани VII, аниқтараш, пас аз ҳабс гардидани Ф.Хӯҷаев дар Маскав, ӯро ҳам бо баъзе сабабҳо тафтишу бозпурсӣ мекарданд. Маълум гашт, ки ӯро дар Маскав бо Ф.Хӯҷаев рӯ ба рӯ карда, муносибаташонро муайян карданд. Баъди бозгашт аз марказ ба ҳамроҳии котиби Кумитаи Марказии ВКП(б) хеле хастаҳол метофт. Рӯйдодҳо ба ӯ сахт таъсир расонда буданд. Камгап шуда буд, бо касе кушод гап намезад, нигоҳашро аз мо мегурезонд.

Йӯлдош Охунбобоев бошад, на дар раёсат менишасту на дар паҳлӯи мо. Танҳо худаш болои курсии назди тиреза ҷо мегирифт. Раисикунанда Тӯрабеков ба иштирокдорони пленум муроҷиат намуд: «Рафиқон, имрӯз ба Кумитаи Марказӣ оям, Сехер нест, ба Шӯрои Олӣ равам, Мантара наменамояд. Раиси Шӯрои Вазирон Абдулло Каримов, котиби Кумитаи Марказӣ Мирмуслим Шермуҳаммедов кӯҷоянд, кас намедонад. Аз аъзоёни бюро як худам мондам. Хуллас, рафиқон, танҳо худам азоб мекашам, ба ман ёрӣ расонед.

Баъд А.Андреев сухан гирифт. Ӯ дар ҳолате, ки ба иштирокдорони пленум номаи ба коммунистони Ӯзбекистон ирсолдоштаи Сталин ва Молотовро қироат мекард, гуфт: «Рафиқон, имрӯз мақсад аз ҷамъ кардани шумо муҳокимаи фаъолияти Ҳизби Коммунисти Ӯзбекистон мебошад». Пасон чаҳор-панҷ нафар котибони кумитаи ҳизбии ноҳияҳо ба сухан баромада, доири норасоиҳо дар маҳалҳо ҳарф заданд. Касе А.Икромовро на сиёҳ карду на сафед. Вале вақте комиссари халқи корҳои дохилӣ Загвоздин доираи баёноти нисбати А.Икромов додаи ҳабскунандагон А.Исломов, Р. Исломов, А.Тоҷиев ҳарф зад, ҳама ҳангу манг шудем.

Ин вақт А.Андреев ба Й. Охунбобоев фармуд, ки ягон чиз гӯяд. Йӯлдошака аз ҷо хеста: «Чизе намедонам, доири кадом масъала кашокаш доштани Акмалу Файзулло ба ман торик, ба кори онҳо дахолат намекунам» гӯён рафта ба ҷояш нишаст.

Пагоҳаш пленум кори худро идома дод, масъалаи ташкилӣ дида шуд. Пленум У. Юсуфовро котиби аввали Кумитаи Марказӣ интихоб намуд.

Ӯзбекистон, ки манбаи ашёи хоми мамлакат ҳисоб меёфт, ҳамеша дар маркази диққати ВКП (б) ва роҳнамои он И.Сталин меистод. Лаҷоми империяи сурх дар дасти ӯ буд. Доири баробарҳуқуқии миллатҳо ҷор зананд ҳам, ҳама ба марказ мутеъ буданд. Боиси дар бисёр масъалаҳо носозии А.Икромов ва Ф.Хӯҷаев он буд, ки ҳамаро Маскав идора мекард, мафкураи империя бо он нигаронда шуда буд, ки дар натиҷаи ба ҳам тез кардани фикрҳо ба сари солимфикрон об резад. Фақат чоплусон бурд мекарданду халос. Намояндагони миллатҳои дигар «навъи дуюм» ҳисобида мешуданд ва онҳоро дар вақти дилхоҳ чун донаҳои шоҳмот иваз кардан ё аз майдон берун афкандан имкон дошт.

А.Икромов ва Ф.Хӯҷаев қурбони бозиҳои сиёсӣ шуданд. Нафақат онҳо, балки пои миллионҳо одамоне, ки аз домани ҳизб дошта буданд, ба лой ғӯтид. Онҳо дарк накарда буданд, ки ояндаи дурахшон — коммунизм сароб асту бас, империяи сурх ҳеҷ вақт ба кас озодӣ намебахшад. Афсӯс, хеле дер фаҳмидем, ки дар хусуси истиқлол озодфикрӣ сухан рондан фақат бо ҳабс ва қатл анҷом мепазируфтааст.

**Тарҷумаи М. ШОДӢ.**



# Тантанаҳои солинавӣ идома доранд

Имрӯзҳо шоду хурсандии кӯдакону бачагон интиҳое надорад. Онҳо дар атрофи Арча ҳамроҳи Бобои Барфӣ ва Духтари Барфӣ шодиву сурур мекунанд, бо қаҳрамонҳои афсонаҳои дӯстдоштаашон вохӯрда, олами маънавии худро боз ҳам ғанитар месозанд.

Махсусан тарбиягирандагони хонаҳои меҳрубонӣ, хонаҳои бачагон, писарону духтарон аз оилаҳои сербачаву камбисот хушу хурсандии худро ниҳон намедоранд. Зеро ба онҳо аз номи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов тӯҳфаҳо супурда шуданд ва мешаванду бачагон бо фахр мегӯянд, ки ба бахти баланди дар Арчаи Президент иштирок кардан ба онҳо муяссар гардидааст. Онҳо бо ҳамин васила дар ватани хеш яккаву танҳо набуданашонро ҳис мекунанд, ба ҷамъият то чӣ андоза зарур буданашро пай мебаранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар марказҳои ҳамаи вилоятҳо, пойтахти ҷумҳурият ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Арчаи Президент ба амал омада, ҳокимони вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо ва раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар ин тадбирҳо иштирок намуда, аз номи сарвари давлатамон тӯҳфаҳои хотиравиро супурданд ва месупоранд.



Баробари ин хонандагони мактабҳои миёна, алалхусус тарбиягирандагони боғчаҳо, синфҳои ибтидоии мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ ҳам дар тадбирҳои солинавӣ иштирок намуда, бо як олам таассурот ба маъвои худ бармегарданд, то чӣ андоза халқпарвару фарзандпарвар будани ҷамъияти моро ҳис мекунанд. Онҳо хуб дарк кардаанд, ки ғамхорӣ ба авлоди наврас пайваста бештар мегардад ва самараи он ба тезӣ ба назар мехӯрад. Зеро ғамхорӣ ба авлоди наврас ин ғамхорӣ ба ояндаи бузургу дурахшон аст.

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз тантанаҳои солинавӣ дар шаҳри Тошканд.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**



**Маърифат**

# Таваллуди Зардушт

**Асқар Маҳкам**

Афкору ақоиди фалсафию иҷтимоии нимасотирӣ ва нимтаърихии кулли динҳо далолат медиҳанд, ки олам дар ибтидо аз Нур таркиб ёфтааст. Олам дар оғӯши Нур, нур дар оғӯши олам буд. Аллома Абдулфатҳ Муҳаммад бинни Абдулкарими Шаҳристонӣ дар китоби хеш«Милал ванниҳал» чунин ривоят мекунад:

«Нахустмаҳсули олам, ки аз Нур зода шуд — Зирвон буд. Зирвони бузург дар олами Нур нӯҳ ҳазору нӯҳсаду наваду нӯҳ сол ибодат кард, то ба ӯ писаре ато намояд. Чун дид, ки матлаб қабои амал дар бар намекунад, ба дилаш шубҳа роҳ ёфт: «Эҳтимол, ин дунё дурӯғ аст». Мегӯянд, ки аз ҳамин шубҳаву гумон тимсоли ҷовидони бадӣ-Аҳриман пайдо шуд. Аҳура Маздо (Ҳурмузд) бошад аз олами ҳақиқат сар бардошт.

Нахустин ду эҳсоси ба ҳам муқобили дунё - шубҳа ва ҳақиқат, яъне Аҳриман ва Ҳурмузд ҳанӯз дар вуҷуди модар буданд...

Олам дар оғӯши Нур. Ва ин Нур на шубҳаву гумон, на ҳақиқати бешафқатро медонист. Зирвон итминон дошт, ки аввал Ҳурмузд по ба арсаи ҳастӣ мегузорад. Аз ин рӯ савганд хӯрд: «Касе, ки аввал ба ҳузурам ояд ҳокими дунё хоҳад шуд...»

Ҳурмузди аз аҳди падар воқиф ин сир ба Аҳриман ошкор сохт. Аз он соат Аҳриман саъю кӯшиш ба харҷ дод, ки аввал ба дунё ояд. Ва ниҳоят муяссар шуд. Аҳримани по ба марзи ҳастӣ пештар ниҳода назди Зирвон омад ва гуфт; «Ман фарзанди ту ҳастам!...»

Вале Зирвон фарзанди саро по сиёҳ ва баду исёнкорро напазируфт. Дар ин лаҳза мунаввар Аҳурамаздо арзи ҳастӣ кард. Аз вуҷуди Аҳурамаздо нур ва бӯи мушку анбар интишор меёфт. Зирвон фарзанди армонии худро шинохт ва шодмон истиқбол гирифт. Вале Зирвони савгандхӯрда наметавонист аз аҳди худ баргардад. Маҷбур буд, ки инони оламро ба дасти Аҳриман бисупорад.

Зирвон ба рамзи бадиву зулмат, фарзанди хеш-Аҳриман чунин гуфт: «Ай Аҳриман, инону ихтиёри олам ба ту хоҳам супурд. Ту нӯҳ ҳазор сол сарвари олам хоҳӣ шуд. Вале ман Ҳурмуздро низ офаридаам. Пас аз нӯҳ ҳазор сол вай бар ту пирӯз ва ҳокими дунё хоҳад шуд».

Пас Зирвон ба Ҳурмузд рӯ овард. Ба ӯ як даста барсам (навдаҳои дарахте, ки дар маросимҳои хоссаи зардӯштиён ба кор баранд) дод ва гуфт; «Ман то ин лаҳза муштоқи ба дунё омадани ту будам ва ҳамаи дуову ибодатам барои ту буд. Акнун ту барои ман дуову ибодат мекунӣ!»

Бад-ин тариқ Аҳриман ҳукмрони дунё шуд. Аҳура Маздо роҳи некиву ҳақиқат, адолат ва меҳру муҳаббатро пеш гирифт.

Ҳодисаҳои фавқ дар ибтидои рӯзгори башар рух дода буд. Ҳанӯз насли Одам вуҷуд надошт. Дунёи Нур ба ду қисмат шуд: Зулмат ва рӯшноӣ. Ду нирӯи ба ҳам зид қисмати инсониятро тақсим карданд. Дар як гӯшаи ин қисмат воқеияти абадие бо номи бадӣ гом ниҳод. Асоси кулли зиддиятҳо ва ҳодисаҳои хилофи якдигари дунёро ҳамин ду нирӯ ташкил медод. Саҳнаи зиндагӣ мунтазири насли Одам буд, ки воқеияти дуюм аст.

Ин дарахти ҳаёт (Одам) бояд ба замини башар шинонда мешуд. Вале ҳанӯз асаре аз дарахту тухми он набуд. Танҳо ҳубобҳои поку сафеди Рӯҳ вуҷуд доштанду бас.

Аҳура Маздо ба Офаридгори хеш хитоб намуд: «Маро чаро офаридӣ? Ман дар иҳотаи ғазабу адоват, қабоҳату густохӣ, кизбу пастӣ ба сар барам.

Ба ман наҷотбахше ҳамонанди зоту номи худ бифирист...»

Аҳура Маздо рӯ ба Ҳақиқат овард ва суол кард:

— Кист аз нигоҳи ту донишманди ҷаҳон? Бигӯ, то ободӣ ва файзу шукӯҳи олам ба ӯ бисупорем. Кист сарварии оламро сазовор? Токи он зот ҳастиро аз панҷаи дурӯғу бедод ва ғазаб наҷот бахшад.

Ҳақиқат посух дод:

— Ӯ бояд инсони баргузида ва нирумандтарин бошад. Маро ба ҳузураш агар хонад, бедиранг, хоҳам рафт...

Тимсоли донишмандиву ростӣ Аҳура Маздо гуфт:

— Наход ту сарвари ин дунёи аз ҳақиқат лабрезро нашиносӣ? Ягона зоте, ки каломи моро ба гӯши ҷон ҳалқасон овезад-Зардушт аст!

❀❀❀

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ Зардушт баҳори соли 569-и то эраи мо дар Хоразми бостонӣ ба дунё омадааст. Таърихнависон наслу насаби ӯро бад-ин тарз муайян намудаанд: Зардӯшт пури Пурушасп, Пурушасп пури Патирадтарасп, Патирадтарасп пури Уругзасп, Уругзасп пури Ҳажтасп, Ҳажтасп пури Чихашмуш, Чихашмуш пури Пийтарасп, Пийтарасп пури Арҷазрашм, Арҷазрашм пури Хурзод, Хурзод пури Спитома, Спитома пури Вадишат, Вадишат пури Ниёзам, Ниёзам пури Айряк, Айряк пури Дуросрап, Дуросрап пури (писари) Манучеҳр...

Бино ба ривоятҳои кутуби «Динкард», «Бундахшин», «Дормустатор» ва «Зардуштнома», ки дар онҳо қиссаи рӯзгори Зардушт нисбатанд мукаммалтар инъикос ёфтааст, Зардушт ҳанӯз таваллуд нашуда дар олам ҳодисаҳои аҷибе рух додаанд. Дар хонадони бобои модарии Зардушт - Фраҳим Рваназоиш фарру шукӯҳи илоҳӣ нозил мегардад. Аҳура Маздо рӯҳи Зардӯштро аз Нури бекарони осмони шашум офарида, аввал ба хуршед, пас ба моҳ ва ниҳоят ба ахтарон интиқол медиҳад. Билохира шӯълаи ин фарру шукӯҳ ба учоқи хонадони Фраҳим меафтад. Ва аҳли хонадон аз заҳмати ҳезумҷамъкунӣ ва гулхансӯзӣ халос мешавад.

Нур ё худ шукӯҳи Зардушт ба зани ҳомиладори Фраҳим - Духтаубокка меомезад.

Баъди чанде модари Зардушт - Дуғду чашм ба дунёи рӯшан мекушояд.

Дуғдуи понздаҳсола чун ситораи рахшон буд. Вале ду ҷодугари нопок - Кавис ва Карпс аз ғояти рашку ҳасад ба сари Дуғду мағзобои тӯҳмат мерезанд. Ӯро ба сеҳргарӣ ва алоқадорӣ бо инсу ҷинс муттаҳам месозанд. Аҳли деҳ ба тӯҳмат бовар карда, Дуғдуро аз деҳ меронанд.

Дуғду ба шаҳри Алак меояд ва дар хонадони Патираг - Тараспо паноҳ меёбад. Дуғду дар ин манзил бо ҷавони зебое, ки Пурушасп ном дошт индивоҷ мекунад.

Нури Зардушт тавассути гиёҳи ҳавм (номи гиёҳ) ба даҳони гов меравад ва ба шир табдил меёбад. Ва аз шир ба ҷисми Пурушасп ва Дуғду мегузарад. Дуғдуи сарторикро Аҳриман ба дарди сахт гирифтор месозад. Дарду ранҷ Дуғдуро аз по меафтонад. Одамон ӯро маҷбур месозанд, ки ба ҳузури ҷодугар Стараг раванд ва аз ӯ мадад пурсанд. Вале фариштаҳои некӣ Дуғдуро аз ин иқдом боздоштанд, ба дардаш дармон бахшиданд.

Аҳриман намехост, ки сафири некӣ — Зардушт ба хонаи башарият қадам гузорад. Вале ӯ ба ин нияти сиёҳи хеш расида натавонист. Зардушт чашм ба дунёи рӯшан кушуд. Аҳриман лашкари нирӯи бадиро ба ҷанги нарӯи некӣ сафарбар намуд, то Зардуштро батамом нобуд созанд. Вале Нури Зардушт дар хонадони Пурушасп мисли оташ метофт ва аз дуродур чашмҳоро хира месохт. Нирӯҳои бадӣ натавонистанд ба ин нури тобанда наздик шаванд. Аҳриман деви бадандешу бадаъмоли худ Агуманро ба ҳузури Зардушт фиристод. Вай бояд аз тафаккури Зардушт огоҳ мегардид ва сафири ояндаи некиро ба қавми дев табдил медод. Худои некӣ Ваҳуман (Баҳман) ба ҳимояи тафаккури Зардушт бархост. Дар паноҳи ҳимоятгарони некӣ Зардушт хандон таваллуд ёфт. Фарзанди инсон гирён ба дунё меояд, вале Зардушт дар лаб табассум зода мешавад. Падари ӯ — Пурушаспи ҳайратзада ин ҳол ба доноёни кишвар гуфт. Доноён гуфтанд:

«Онҳое гирён оянд, ки маргу хорӣ дар лавҳи қазояшон нависта шудааст. Порсоёне, ки ба охири лавҳи умр хуш нуқта гузоранд хандон таваллуд шаванд...» Пурушасп барои толеи кӯдакро санҷидан ӯро ба назди бародарони баднresponse Карпҳо мебарад. Ин бадкорон, ки душмани Зардушт буданд, аз фурсат истифода карда ӯро нобуд кардан мехоҳанд. Вале худоёни некӣ Сипандормаз ва Ардвасура Анаҳита ба ҳимояи ҷони ӯ меоянд.

Корпҳо аз ниятҳои бади хеш даст намекашанд. Зардуштро гоҳ ба зери суми говҳо ва гоҳе ба миёни галаи аспҳо меафкананд. Дар ҳама ҳолат Зардушт ҷон ба саломат бурд. Карпҳо Зардуштро ба рӯи ҳезуми пайчида гузошта, сӯхтан мехоҳанд, вале оташ ба ӯ таъсир намекунад.

Шаб ба шағол медиҳанд, то бихӯрад. Шағол ҳам ба Зардушт наздик намеояд.

Худоён - Баҳману Сурӯш меши пури ширро ба назди Зардушт мегузоранд, Зардушт ширро ошомида, аз хатар эмин монд. Дуғду, ки ба ҷустуҷӯи фарзанд баромада буд, ӯро сиҳҳату саломат пайдо карда шод шуд...

Рӯзҳо, аз паси рӯзҳо моҳҳо мегузаранд, Зардушт ба воя мерасад. Зардӯшти вуҷудаш аз фурӯғи некиву ростӣ ва садоқат сириштаашуда бар алайҳи ақоиди зараровори коҳинони замони хеш мешӯрад. Рӯзе коҳинон машварат оростанд ва хулоса карданд, ки рӯҳи писари Пурушасп - Зардушт солим нест, аз ин ваҷҳ панду насиҳатро напазирад. Пурушаспи аз ин хулоса ба хашм омада Зардуштро гуфт: «Ман умед кара будам, ки Худо бароям фарзанди раван (рӯҳонӣ), артиштар (номдор), вастраюш (деҳқон) ато менамояд. Вале саҳв карда будаам. Ту рӯҳан солим набудай Ба ҳузури карпҳо бирав, онҳо туро даво кунанд!».

Зардушт ба падар посух дод: «Бале, падар тавре, ки меандешед, писари шумо - асраван, артиштар, вастраюш аст!»

Зардушт бар алайҳи коҳинони тамаъгар, ки халқро бо ҳар роҳу усул фиреб дода тороҷ мекарданд, муборозиро давом дод...

Вақте ки Зардушт понздаҳсола шуд, бародарони ӯ аз падар мерос хостанд ва ҳар кадом ҳиссаи худ гирифтанд. Вале Зардушт бино ба анъанаи маздопарастон ба ҷуз гӯштӣ (як пора газворе, ки ба миён мебанданд) чизе нагирифт. Гӯштиро ба миён мӯҳкам баст ва роҳи эътиқод пеш гирифт. Вақте ки Зардушт аз хонадон батамом баромада рафт, бист сол дошт. Зиндагии вай акнун ранги дигар гирифта буд. Инони зиндагиро ба сӯи парҳезгориву порсоӣ гардонда буд. Зардушт ба одамон рӯ оварда чунин гуфт:

— Дӯстдору кӯмакрасони мардум, парҳезгору порсотарин инсон кист?

Онҳо посух доданд:

— Фарзанди кӯчаки Тур - Аврвадуда аст. Зардушт ба ҳузури вай рафт. Дар некӯкорӣ аз Аврвадуда бартар будан мехост. Ин инсонпараст ва хайрхоҳ вақти зиёди умрро дар сӯҳбати донишмандони замон мегузаронид. Дар байни мардум буд. Одамонро аз дину оини нав огоҳ мекард. Ин танҳои дар муқобили замину осмон, рӯҳу тан, ва бадию некӣ қарор гирифта ҳамаро фақат ба як чиз **пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек** даъват мекард. Онҳоро аз ҷазои рӯзи фардо, ки рух доданаш муқаррар аст, огоҳ месохт. Исбот менамуд, ки сармояи умри даргузар ба инсон танҳо барои некӣ кардан дода шудааст. Ба мардум фаҳмондан мехост, ки ҳайвоноту гиёҳҳо, обу замин ва паррандаю даррандa аз инсонҳо ҳеҷ тафовуте надоранд.

❀❀❀

Зиндагӣ аз нигоҳи Зардушт ҷамоаи одамони оддӣ, меҳнати озод, муҳити безулму тазйиқ, хонадони фаровонест, ки дар учоқаш ҳезум чарс - чурс месӯзад, аз мӯрияш дуди кабуд печу тоб хӯрда мебарояд, чорвояш шикамсерӣ алаф хӯрда, осуда мехобад. Дар он хонадон зану шавҳари бахтиёр ҳалолу хоксорона зиндагӣ мекунанд, кӯчаку бузург, сиҳҳату бардам фарзандон ба воя мерасонанд. Молу мансаб, нирӯву қудрат, ҳусну малоҳат, ҳукумат бино ба ақидаи Зардушт дар ба андозаи як пули сиёҳ арзиш надоранд. Покӣ, ҳалолӣ ва меҳнати холис асоси ҳама чизро ташкил медиҳанд.

Дигар ҳама дуруғу фиреб аст.

